**ХУЛОСАИ**

**ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15.03.2024, №15**

Дар бораи ба Муҳаммадқодири Наҷмуддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ

Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи "Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ ба ҳимоя дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 26 декабри соли 2023, суратмаҷлиси № 14 қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шурои диссертатсионӣ аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9).

Довталаби дараҷаи илмӣ Муҳаммадқодири Наҷмуддин, санаи таваллудаш 22.04.1990, соли 2013 факултети фасафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «сотсиология» хатм намудааст. Аз соли 2013 то соли 2022 ба ҳайси асисстент ва аз соли 2022 то ҳол ба сифати муаллими калони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад. Аз соли 2020 то ҳол Муҳаммадқодири Наҷмуддин унвонҷӯи кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон навишта шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Миров Фирӯз Сафаралиевич - номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** – профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

**Назирова Марҳамат Назаровна** – номзади илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ (ш.Душанбе) дар тақризи худ, ки аз ҷониби эксперт, номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Қурбоншоев И.Ҷ., номзади илмҳои таърих, дотсент Шарофов Э.У. ва номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент Мамурова Г.Қ. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки давлати дунявӣ ҳамчун навъи давлат натиҷаи амалӣ гардидани равандҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи давлати муосир ба монанди: секуляризатсия, модернизатсия, падидаҳои сиёсие, аз қабили истиқлолият, конститутсионализм ва принсипи навӣ амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ – таҷзияи ҳокимият ба ҳисоб меравад. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар фазои динии ҳаёти ҷамъиятӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ ба вуҷуд омаданд, ки иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавононро ба амал мебароварданд. Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба талаботи бандҳои 31-33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон

медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиология, аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Муҳаммадқодири Наҷмуддин вобаста ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комисияи аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

**[1-М].** Муҳаммадқодири Наҷмуддин. Омӯзиши масъалаи секуляризатсия дар назарияҳои сотсиологӣ [Матн] / Н. Муҳаммадқодир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2018. – №4. – С. 170-175. ISSN 2074-1847.

**[2-М].** Муҳаммадқодири Наҷмуддин. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.С.Миров, Н. Муҳаммадқодир // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2022. – №4 (247). – С. 242-247. ISSN 2076-2569.

**[3-М].** Муҳаммадқодири Наҷмуддин. Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н. Муҳаммадқодир // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2022. – №4 (247). – С. 107-111. ISSN 0235-005X.

**[4-М].** Муҳаммадқодири Наҷмуддин. Масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва алоқамандии он ба таҳсилоти дунявӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Н. Муҳаммадқодир // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2023. – №11 . – С. 161-168. ISSN 2074-1847.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Зиёев И.Ғ.-** доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, ҳамчун эрод қайд карда мешавад, ки дар боби якуми зербоби аввал муаллиф, ба назарияҳои сотсиологони муосир кам таваҷҷуҳ намудааст. Агар муаллифи диссертатсия дар масъалаи муносибати таҳсилоти дунявӣ бо таҳсилоти динӣ пурсиши афкори умумро мегузаронид, боз ҳам хубтару беҳтар мебуд.

**Зокирзода Н.М.** - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ректори Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит. Тақриз мусбат аст. Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки дар матни чопии он баъзе аз норасоиҳои ҷузъӣ, мисли хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Абдухалилзода К.А.** - номзади илмҳои фалсафа, дотсент, муовини директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Дар тақриз қайд карда мешвад, ки дар матни чопии он баъзе аз норасоиҳои ҷузъи, мисли хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 - и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда корҳои илмӣ - таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарачаи илмӣ дар асоси ичро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- масъалаҳои таҳсилоти динӣ вобаста ба равишҳои мухталифи илмӣ, назарияҳои сотсиологӣ ва фарҳанги миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Аввалин маротиба бо равиши сотсиологӣ масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар таълимоти сотсиологии классикони илми сотсиология таҳқиқ гардиданд.
- дар асоси омӯзиши маводи илмӣ-таҳқиқотӣ шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ ошкор гардида, таҳаввулоти таърихии ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва дунявият бо далелҳои муътамад таҳқиқ гардидааст. Муайян карда шуд, ки маҳз ташаккул додани ҷаҳонбинии дунявӣ ва тафаккури илмӣ ба ваҳдати миллӣ ва рушди ҷамъият мусоидат менамояд;
- хусусиятҳои заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динии шаҳрвандон таҳқиқ гардида ва шароитҳои ҳуқуқии рушди таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Муайян карда шуд, ки дар давлати дунявии Тоҷикистон барои татбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудаанд;
- муносибат ва ҳамтаъсиррасонии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, амсилаҳои иртиботи давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ муайян карда шуданд. Маълум гардид, ки давлати дунявӣ зидди дин набуда, барои фаъолияти озоди иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандон мусоидат менамояд.
- аввалин маротиба масъалаҳои таҳсилоти динии Тоҷикистон бо далелҳои возеҳ баррасӣ гардида, вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтанд. Ошкор карда шуд, ки маҳз таҳсилоти босифати динии расмӣ ва давлатӣ ҷаҳонбинии солими динии шаҳрвандонро ташаккул медиҳад;

– барои муайян намудани муносибати аҳолӣ ба дин, таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шуданд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон мақоми хеле баланд соҳиб шуда, аҳолӣ ба таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Муайян карда шуд, ки рушди таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар Тоҷикистон омили муҳими пешгирии ифротгароии динӣ ба ҳисоб мераванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки дар он асосҳои назариявии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф ба ҷиҳатҳои асосӣ ва хулосаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ равона гардидааст, такя намудааст, зеро таҳқиқоти анҷомдодаи онҳо имконияти бештари баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи мазкурро дорад. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи таҳсилоти динӣ, инчунин пешгирии таъсири манфии гурӯҳҳои ифротгароӣ ва самаранок истифода кардани ҷиҳатҳои мусбии раванди таҳсилоти динӣ манфиатовар буда метавонад. Дар таҳқиқоти мазкур як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла равишҳои умумиилмии позитивизм, функсионализми сохторӣ, равияи системавӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Равиши позитивистии мавзуи таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки таҳсилоти динӣ ва арзишҳои динӣ аз нуқтаи назари аҳамияти иҷтимоии онҳо дида баромада шавад. Тавассути равиши функсионализми сохторӣ вазифаҳои иҷтимоии таҳсилоти динӣ дар низоми маориф таҳқиқ мегардад. Равишҳои системавӣ ва таърихӣ барои дарки низоми таҳсилоти динӣ ва таҳқиқи таҳаввулоти таърихии он мусоидат менамояд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ бо он тасдиқ мегардад, ки** натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияи номзадиро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати давлатӣ нисбат ба дин,

таҳкими арзишҳои дунявӣ, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ, танзими раванди таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон ва пешгирии гаравиши ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгароии динӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон, рушди ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои дунявии ҷавонон, самаранок истифода бурдани арзишҳои динӣ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ, таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва маводи иловагии таълимӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими фанҳои «Диншиносӣ», «Сотсиологияи дин ва маданият», «Сотсиологияи умумӣ», «Таърихи сотсиология», «Этносотсиология», «Сотсиологияи шахс» ва «Афкори иҷтимоии мутафаккирони Шарқ» васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз натиҷаҳои ин диссертатсияи илмӣ истифода бурда метавонанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, маъруза ва мақолаҳои интишоргардида бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо расидан ба мақсаду вазифаҳои диссертатсияи илмӣ, сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин иштирок дар гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи илмӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан дар таҳқиқотҳои сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм» (соли 2018), «Таҳлили вазъият дар самти муайян намудани рӯ овардани ҷавонон ба фарҳанги бегона» (соли 2019), «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021) ва «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) ширкат варзида, дар коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ саҳми худро гузошта, дар навиштани диссертатсияи номзадии худ натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотҳои сотсиологиро бомаврид истифода бурдааст.

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси 15-уми марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз

рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Аз 15 нафар иштирокчиёни маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд овоз доданд: тарафдор – 15, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси маҷлиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор** **Шоисматуллоев Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Қаҳоров Ғ.Ғ.**